# Шарҳи вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

## СЕМОҲАИ ЧОРУМИ СОЛИ 2023

ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН

**Шарҳи вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо дар семоҳаи чоруми соли 2023**

Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд Хазина) фаъолияти худро дар семоҳаи чоруми соли 2023 баҳри ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон бо роҳи таъмини пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар амалӣ намуд.

***Иштироки ташкилотҳои қарзӣ дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо.*** Ба ҳолати 31 декабри соли 2023 дар Феҳристи ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми суғуртаи амонату пасандозҳо 32 адад ташкилоти қарзӣ шомил мебошад, ки аз он 12 ададро бонкҳо, 19 ададро ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) ва 1 ададро ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ (ТҚҒ) ташкил медиҳанд.

**Ташкилотҳои қарзии узви низоми суғуртаи амонату пасандозҳо (адад)**

| Номгӯи ташкилоти қарзӣ | 31.12.2022 | 31.12.2023 | Фарқият (+/-) |
|---|---|---|---|
| Бонкҳо | 12 | 12 | 0 |
| Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) | 18 | 19 | +1 |
| Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ (ТҚҒ) | 0 | 1 | +1 |
| **Ҳамагӣ** | **30** | **32** | **+2** |

***Амонату пасандозҳои суғурташудаи ташкилотҳои қарзӣ ва сохтори он.*** Дар семоҳаи чоруми соли сипаришуда ҳаҷми амонату пасандозҳое, ки аз ҷониби Хазина суғурта мешаванд, раванди афзоиши устувор дошт. Ба ҳолати 31 декабри соли 2023 тибқи ҳисоботҳои ташкилотҳои қарзӣ ҳаҷми умумии амонату пасандозҳои суғурташуда 8 798,7 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба семоҳаи сеюми соли 2023 ба андозаи 15,6 фоиз ва нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 1,9 маротиба афзуд. Дар сохтори амонату пасандозҳои суғурташуда ҳиссаи амонату пасандозҳо бо пули миллӣ 53,2 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 46,8 фоизро ташкил дод.

**Ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташуда (млрд. сомонӣ)**




**Сохтори асъории пасандозҳои суғурташуда (млрд. сомонӣ ва фоиз)**




Раванди афзоиши ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда дар баробари мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" ва васеъ гардидани доираи объектҳои ҳатмии суғурта, аз ҷумла дар қатори пасандозҳои шахсони воқеӣ бо суғурта фаро гирифта шудани суратҳисобҳои амонатию пасандозии соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, асосан бо омилҳои вазъи муътадили макроиқтисодӣ,

фаъолияти босуботи низоми бонкӣ ва тадриҷан баланд гардидани эътимоди аҳолӣ ба он, татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон", гузариш ба ҳисоббаробаркуниҳои хизматрасониҳои ғайринақдӣ, инчунин афзоиши ҷолибнокӣ ва фоизҳои миёнавазни пасандозҳои мӯҳлатнок алоқаманд буд.

Дар сохтори пасандозҳои суғурташуда, аз ҳаҷми умумии онҳо ҳиссаи бештар 94,0 фоиз ё 8 277,1 млн. сомонӣ ба амонату пасандозҳои шахсони воқеӣ рост омада, боқимондаи ҳиссаи он – 6,0 фоиз ё 521,6 млн. сомониро амонату пасандозҳои соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ташкил доданд.

**Сохтори ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташуда (бо фоиз)**




Шумораи амонатгузорон ва пасандоздорони суғурташуда бошад 2,1 млн. нафарро ташкил дод, ки ин дар муқоиса ба семоҳаи сеюми сол ба андозаи 7,6 фоиз ва ҳамин санаи соли гузашта 1,7 маротиба зиёд мебошад.

Таҳлили сохтори пасандозҳои суғурташуда нишон медиҳад, ки аз шумораи умумии амонатгузорон ва пасандоздорон маблағи 98,4 фоизи онҳо дар доираи маблағи ҷубронпулӣ пурра фаро гирифта шуда, 1,6 фоизи боқимондаи амонатгузорон ва пасандоздорон, ки маблағи амонату пасандозҳояшон аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд аст, қисман фаро гирифта шудаанд.

**Шумораи пасандоздорони суғурташуда (ҳаз. нафар)**




Дар доираи маблағи ҷубронпулӣ пурра фаро гирифта шудани 98,4 фоизи амонатгузорон ва пасандоздорон нишондиҳандаи баланд буда, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аксари амонатгузорон ва пасандоздорони суғурташуда аз ҷониби Хазина пурра ҳимоя карда шудаанд.

**Ҳиссаи амонатугузорон ва пасандоздорони пурра суғурташуда (бо фоиз)**




Вобаста ба афзоиши назарраси ҳаҷми амонату пасандозҳои суғурташуда ва суратҳисобҳои амонату пасандозӣ, ҳаҷми умумии уҳдадориҳои суғуртавии Хазина аз рӯи амонату пасандозҳои суғурташуда низ дар семоҳаи чоруми сол нисбатан зиёд гардид. Аз ҷумла, ба санаи

31 декабри соли 2023 ҳаҷми уҳдадориҳои умумии суғуртавии Хазина 3 280,5 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба семоҳаи сеюми соли 2023 ба андозаи 16,5 фоиз ва ҳамин санаи соли гузашта 1,6 маротиба зиёд мебошад.

**Уҳдадории суғуртавии Хазина ва афзоиши он (млн. сомонӣ ва бо фоиз)**




Бояд қайд кард, ки бештари уҳдадориҳои суғуртавии Хазина ба шахсони воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ рост меояд, ки маблағи 3249,1 млн. сомонӣ ё 99,0 фоиз аз руи ҳамаи уҳдадориҳоро ташкил медиҳад. Уҳдадории суғуртавӣ дар назди шахсони ҳуқуқӣ бошад маблағи 31,3 млн. сомонӣ ё 1,0 фоизи ҳамаи уҳдадориҳои Хазинаро ташкил медиҳад.

**Сохтори уҳдадории суғуртавии Хазина (млн. сомонӣ ва бо фоиз)**



***Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина ва пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорони суғурташуда.*** Дар семоҳаи чоруми соли ҷорӣ дар ягон ташкилотҳои қарзии узви Хазина ҳолати суғуртавӣ ба вуқуъ наомад.

Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина

| **Ташкилоти қарзии барҳамхӯрда** | **Ба ҳолати 31.12.2022** | **Ба ҳолати 31.12.2023** | **Фарқият (+/-)** |
|---|---|---|---|
| Бонкҳо | 6 | 6 | 0 |
| ТАҚХ | 12 | 12 | 0 |
| **Ҳамагӣ** | **18** | **18** | **0** |

Дар давраи баррасишаванда пасандоздорон ва намояндагони бонкҳои барҳамдодашудаи ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" оид ба тамдиди муҳлати гирифтани маблағи ҷубронпулии суғуртавӣ дар асоси Қонун бо ариза ба Хазина муроҷиат кардаанд, ки аз тарафи Хазина ба 9 нафар пасандоздорони бонкҳои мазкур ба маблағи 141,9 ҳаз. сомонӣ ҷубронпулии суғуртавӣ пардохт карда шуд. Аз санаи 1 июли соли 2022, яъне аз давраи анҷоми муҳлати яксолаи пардохти ҷубронпулӣ то инҷониб аз тарафи Хазина ба 89 нафар пасандоздорони бонкҳои мазкур ба маблағи 1411,3 ҳаз. сомонӣ ҷубронпулии суғуртавӣ пардохт карда шуд.

Дар маҷмуъ, аз соли 2016 то санаи 31.12.2023 Хазина ба пасандоздорони суғурташудаи 18 ташкилоти қарзии барҳамхӯрда ба маблағи 212,1 млн. сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт намудааст (аз ҷумла, ба пасандоздорони ҶСК "Агроинвестбонк" – 133,48 млн. сомонӣ ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк – 55,17 млн. сомонӣ).

***Нишондиҳандаҳои молиявии Хазина***. Дар давраи баррасишаванда вобаста ба иҷрои вазифаҳои қонунии худ дар самти ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои қонунии пасандоздорон, раванди мунтазам афзоиши дороиҳои Хазина идома ёфт. Ба ҳолати 31 декабри соли 2023 дороиҳои Хазина маблағи 207,6 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 30,6 фоиз зиёд мебошад.

Афзоиши дороиҳои Хазина асосан аз ҳисоби пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина дар натиҷаи зиёд шудани ҳаҷми амонату пасандозҳои суғурташудаи ташкилотҳои қарзӣ вобастагӣ дошт. Аз ҷумла, пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина дар семоҳаи чоруми

соли 2023 маблағи 15,6 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба семоҳаи сеюми соли 2023-ум 3,8 фоиз зиёд мебошад.

Яке аз манбаҳои дигари ташаккули дороиҳои Хазина даромад аз фаъолияти сармоягузорӣ ба ҳисоб рафта, дар шароити имкониятҳои мавҷудаи бозори коғазҳои қиматнок, Хазина дар давраи баррасишаванда маблағҳои озоди худро танҳо ба коғазҳои қиматноки давлатӣ бо меъёри фоизи нисбатан пасттарин сармоягузорӣ намуд. Аз ҷумла, Хазина аз аввали сол дар 7 музоядаи Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 349,1 млн. сомонӣ бо фоизи даромаднокии 0,99 фоизи солона ғолиб омад, ки даромади Хазина аз ҳисоби коғазҳои қиматноки мазкур 920,7 ҳаз. сомониро ташкил дод.

Ҳамзамон, андозаи ҳадди аксари маблағи Хазина[1], ки таносуби маблағи Хазинаро нисбат ба ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташудаи ташкилотҳои қарзӣ инъикос менамояд, 2,4 фоизро ташкил намуда, дар муқоиса ба нишондиҳандаи соли қаблӣ 0,4 банди фоизӣ афзоиш ёфт, ки он асосан бо суръати афзоиши зиёдтари дороиҳои Хазина алоқаманд мебошад.







***Такмили қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии Хазина.*** Бояд қайд намуд, ки дар соли 2023 ислоҳоти калидӣ, ки ба рушди фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо равона гардид, мавриди амал қарор гирифтани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" мебошад.

[1] *Андозаи ҳадди аксари маблаги Хазина тибқи қонун дар ҳаҷми 7 фоизи бақияи умумии пасандозҳои сугурташуда, ки дар ташкилотҳои қарзӣ мавҷуд аст, муқаррар карда шудааст.*

Мутобиқи тағйиру иловаҳои воридгардида доираи объектҳои ҳатмии суғурта васеъ шуда, номи қонуни амалкунанда дар таҳрири нав — «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» ва Хазина ҳамчун "Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон" муайян карда шуд.

Илова бар ин, андозаи ҷубронпулӣ барои амонату пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ зиёд карда шуда, он новобаста аз намуди асъор дар як андозаи муайян - на бештар аз 35 000 сомонӣ муқаррар карда шуд.

**Афзоиши андозаи ҷубронпулии суғурта (ҳаз. сомонӣ)**




Бо қабули Қонуни мазкур фаъолияти Хазина ҷанбаҳои хуби таҷрибаи байналмилалиро фаро гирифта, дастгирии молиявии амонатгузорон ва пасандоздорон ҳангоми барҳамдиҳии маҷбурии ташкилотҳои қарзӣ бо афзудани ҷуброни суғурта беҳтар ва самарабахш гардида, ҷиҳати баланд гардидани боварӣ ва афзоиши амонату пасандозҳо дар низоми бонкӣ мусоидат менамояд.

Вобаста ба ин, Хазина маҷмӯи чорабиниҳоро ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ва такмил додани тамоми санадҳои меъёри худ ва раванди корҳои фаҳмондадиҳиро анҷом дод.

***Фаъолияти ташвиқот ва робита бо ҷомеа.*** Таблиғот ва ташвиқоти аҳолӣ оид ба моҳият ва нақши низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва ба ин

васила таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ яке аз вазифаҳои асосии Хазина ба ҳисоб меравад.

Дар давоми давраи баррасишаванд баҳри баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо маводҳои таблиғотӣ (аз қабили, буклетҳо ва нишони худчаспи Хазина), инчунин эълону хабарҳо дар телевизион ("Телевизиони Тоҷикистон" ва "Ҷаҳоннамо"), радио ("Имрӯз") ва нашриёҳои чопӣ ("Азия-плюс") таҳия гардида, паҳн ва интишор карда шуданд. Ғайр аз ин, дар сомонаи расмии Хазина (www.idif.tj) ва шабакаҳои иҷтимоӣ (фейсбук, телеграм) маводҳои иттилоотию таҳлилӣ, эълонҳо ва ахборотҳо мунтазам нашр карда шуданд.